# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи доктории Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. – Душанбе, 2025. – 461 с.**

Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» ба масъалаҳои забонӣ ва тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ бахшида шуда, ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пурра мувофиқат мекунад, зеро талаботи шиносномаи ихтисоси мазкур пажуҳиши масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумаро дар заминаи забонҳои мухталиф пешбинӣ менамоянд.

Воситаҳои тасвири бадеӣ як навъи хоси унсурҳои забон буда метавонад аз паҳлуҳои гуногуни таҳқиқу баррасӣ гардад. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар адабиёти бадеӣ фаровон корбаст шуда, диққати муҳаққиқони илмҳои иҷтимоиро ба худ ҷалб менамоянд. Яке аз ҷанбаҳои мубрам ва муҳимии пажуҳиши воситаҳои тасвири бадеӣ ин ҷанбаи забонӣ ва тарҷума мебошад. Дар диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна маҳз вижагиҳои забонӣ ва тарҷумавии навъҳои баргузидаи воситаҳои тасвири бадеӣ аз нигоҳи сохтор, маъно, услуб ва вижагиҳои дигари луғавӣ ва тарҷумавӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Бинобар ин, мавзуи диссертатсия «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» мубрам арзёбӣ мегардад.

Қобили зикр аст, ки дар луғатҳои дузабона муодилҳои ягона ва тарҷумаи мушаххаси анвои воситаҳои бадеӣ инъикос наёфтаанд. Дар радифи навгониҳои дигар дар диссертатсия шаклҳои нисбатан мувофиқ ва дурусти ин

гурӯҳи воситаҳои забон матраҳ гардида, ба як қатор масъалаҳои тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ равшанӣ андохта шудааст. Аз ин лиҳоз, метавон таъкид сохт, ки таҳлилу баррасии вижагиҳои забонии воситаҳои тасвири бадеии интихобшуда муҳим буда, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалӣ дорад ва **дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия мавҷудбудаю нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** инъикос менамоянд.

Ҳамчунин, ба унвони навгонии илмии таҳқиқ метавон зикр намуд, ки дар забоншиносии тоҷику англис тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ, таҳвилоти луғавию дастурии онҳо ва интихоби варианти мушаххас дар тарҷумаи онҳо дар доираи диссертатсияи докторӣ бори нахуст баррасӣ мешаванд. Гузашта аз ин, таҳқиқи хусусиятҳои сохторӣ-маъноӣ ва услубии воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумаи матни бадеӣ бо мисолҳои мушаххаси дузабона бори аввал сурат гирифтааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда** ба омӯзиш ва ифодаи маҷоз ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули адабиёти бадеӣ, тавсифи навъҳои маҷоз ҳамчун аломатҳои асосии ҷумла, далели аҳаммияти воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули таркиби воҳидҳои бемуодил, инчунин, муайян намудани шабоҳат ва фарқи байни онҳо бо мисолҳои мушаххас, таҳлили муқоисавии маҷоз ҳамчун яке аз навъҳои асосии воситаҳои образноки тасвири бадеӣ аз нигоҳи сохтор ва маъно ва усулҳои ифодаи онҳо ҳангоми тарҷумаи матни забони асл, ки боиси номутобиқии воҳидҳои луғавӣ мегардад, хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи байни усулҳои ифода ва гурӯҳбандии воситаҳои тасвири бадеӣ дар забонҳои муқоисашаванда, таҳлили тарҷумаи номукаммали воситаҳои тасвири бадеӣ ва усулҳои истифодаи онҳо ҳамчун воҳиди забон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, номутобиқатии байни воситаҳои тасвири бадеии забони асл ва тарҷума, хусусияти функсионалии онҳо ва амсоли инҳо равона гардидаанд.

Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳ.Т. ба таҳқиқи муқоисавии хусусиятҳои забонӣ ва тарҷумаи як идда воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума

бахшида шудааст. Таҳлилҳои муаллиф дар заминаи ақидаҳои асосноки муҳаққиқони забоншинос ва тарҷумашинос дар асоси маводди амалӣ-асарҳои бадеии машҳур бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст, ки ба **асоснок ва боэътимод** будани хулосаю тавсияҳои муаллифи диссертатсия мусоидат намудаанд.

Натиҷаҳои диссертатсия барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт заминаи мусоид ва боэътимод фароҳам меоранд. Тавре аз таҳлили диссертатсия аён гардид, онро метавон ҳамчун мавод барои баргузории курсҳои назариявии грамматика, типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, курсҳои махсус ва барои корҳои илмӣ-таҳқиқӣ истифода кард.

Хулоса ва натиҷаҳое, ки аз таҳқиқ ба даст овардаи диссертант, имкон дорад дар таълими фанҳои тарҷумашиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ, грамматика истифода шаванд.

Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назарӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст. Бояд гуфт, ки ин бахшҳои илмии диссертатсия мутобиқи талаботи барасмиятдарории корҳои илмӣ танзим шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия таҳти унвони **«Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи воситаҳои тасвири бадеӣ дар забоншиносӣ»** аз ду фасл иборат аст дар он масъалаҳои назарии воситаҳои тасвири бадеӣ аз нигоҳи забоншиносӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Дар ин боб бозбинии таҳқиқоти забоншиносӣ вобаста ба корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ ва марзгузории мафҳумҳои луғавӣ ва истилоҳии воситаҳои тасвири бадеӣ дар заминаи фарҳангҳо ба таври хулосабандӣ оварда шудааст, ки муҳиммияти диссертатсияро нишон медиҳанд. Пас аз нуқтаи назари собитшудаи пажуҳишгарон андешаҳои худи муаллиф барои асоснок шудани тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ нишон дода шудааст, ки аҳаммияти илмии диссертатсияро муҳим арзёбӣ менамоянд.

Масалан, андешаи муҳаққиқи соҳаро роҷеъ ба истиора оварда диссертант чунин қайд менамояд: «мо ин нуқтаи назарро ҷонибдорӣ намекунем, зеро истиора тасвирест, ки танҳо дар тахайюли инсон мавқеъ гирифта, барои фасоҳати сухан истифода мешавад» (с. 68).

Ҳамин тавр, дар боби мазкур андешаҳои илмӣ бо далелҳои асоснокшуда пай дар пай бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ»,** ки аз се фасл иборат аст, мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ оварда шуда, роҷеъ ба роҳҳои тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ ва мулоҳизаҳо дар бобати назария ва амалияи тарҷумаи бадеӣ дар даврони муосир муфассал шарҳ дода шудаанд.

Дар он масъалаи тарҷумаи бадеӣ муҳим шуморида шуда, яке аз роҳҳои пайвандсозандаи миллату халқиятҳо эътироф гардидааст: «Дар ҷаҳони муосир масъалаи тарҷума ва фаъолияти тарҷумонӣ аҳаммияти хосса касб намуда, яке аз роҳҳои пайвандгари қавму миллатҳои гуногунзабон маҳсуб мешавад, ки дар ғанӣ гардонидани равобити адабӣ барои таҷрибаи нависандагӣ ва эҷодкорӣ нақши мондагор дорад. Муносибати фарҳанг ва тамаддунро, ки дар он омӯзиши адабиёт ва дастовардҳои бузурги адабӣ нақши бориз доранд, метавон раванде арзёбӣ кард, ки фарҳанг ва тамаддуни як миллат тавассути он ба шукуфоии назаррас ноил мегардад ва ба ин маънӣ татбиқи ин амал сабабҳои муфид медиҳад» (с. 102).

Боби сеюми диссертатсия «**Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ, сохторӣ ва услубии санъатҳои бадеӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта аз 7 фасл ва 2 зерфасл иборат аст. Дар боби мазкур вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ, сохторӣ ва услубии санъатҳои бадеӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, аз қабили, санъати истиора, ташбеҳ, киноя, тамсил, метонимия, маҷози мурсал, антономасия, ифодаи эзоҳӣ, муболиға ва тасғир бо мисолҳои бадеии тоҷикӣ ва англисӣ шарҳу эзоҳ шудаанд. Воситаҳои тасвири бадеӣ барои ҳадафҳои мушаххас истифода шуад, ба гуфтор ва навиштор обуранги хоса мебахшанд. Хусусиятҳои хоси ин унсурҳо дар диссертатсияи мавриди баррасӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо истифода аз фарҳангҳои тафсирӣ ба таври фарогир шарҳ дода шудаанд.

Боби чоруми диссертатсия ба **«Вижагиҳои татбиқи таҳвилоти луғавӣ ва дастурӣ дар тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ (дар заминаи матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)»** бахшида шуда, аз 2 фасл ва 6 зерфасл иборат аст. Дар боби мазкур татбиқи таҳвилоти луғавӣ ва дастурӣ дар тарҷумаи санъатҳои бадеӣ ба таври муназзам оварда шуда, таҳлили онҳо дар матнҳои бадеӣ пурра инъикос гардидаанд.

Дар боби панҷуми диссертатсия таҳти унвони **«Хусусияти тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар робита ба масъалаҳои «тарҷуманопазирӣ«» дар асоси осори бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** вижагиҳои воситаҳои тасвири бадеӣ дар таркиби воҳидҳои бемуодил, аз ҷумла, воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақол ва реалияҳо бахшида шудааст. Ҳар як боб ва фаслу зерфаслҳои диссертатсия бо хулосаҳои муътамад ҷамъбаст гардидаанд, ки барои тарҷумаи мукаммал заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Хулосаи умумӣ ва натиҷаҳои диссертатсияи Соҳибназарова Ҳ.Т. бо далелҳои муътамад асоснок карда шудааст. Пажуҳиши анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки «дар луғатҳои тафсирӣ ва соҳавии русӣ-тоҷикӣ, русӣ-англисӣ, тоҷикӣ-русӣ ва ғайраҳо мафҳум ва мундариҷаи воситаҳои тасвири бадеӣ тамоюлҳои гуногун доранд, ки дақиқ нестанд ва якчанд гунаи тарҷума ба як навъи маҷоз муносиб дониста шудаанд. Гунаи тарҷумаҳо дар умум, худи

ҳамон мафҳумро ифода намекунанд, зеро ҳангоми муқоиса кардан барои тарҷумаи мукаммал монеа эҷод мекунанд. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар асоси андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ тасниф гардида, роҳу воситаи ифодаи онҳо муайян гардиданд. Таҳлилҳо нишон дод, ки таснифи воситаҳои тасвири бадеӣ мухталиф буда, миқдору навъҳои онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ як хел нестанд» (с. 421).

Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна **аҳаммияти ҳам назарӣ ва ҳам амалӣ дорад,** зеро он назарияи воситаҳои тасвири бадеиро аз нигоҳи муқоиса ва тарҷума мукаммал намуда, ба таҳқиқи минбаъдаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ дар ин самт мусоидат хоҳад кард. Маводди диссертатсияро метавон барои баргузории курсҳои назариявии грамматика, типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, курсҳои махсус ва барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода кард. Ҳамзамон, вай метавонад барои рушду густариши таҳқиқоти муқоисавии забонҳо дар забоншиносии муқоисавӣ ва маърифатӣ, назария ва амалияи тарҷума, услубшиносӣ ва фарҳангшиносӣ муҳим бошад.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия дар 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА ҶТ ва 26 мақола дар дигар нашрияҳо, аз ҷумла, конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ пешниҳод гардидааст.

Феҳристи адабиёт, номгӯйи сарчашмаҳои илмию бадеӣ, фарҳангҳо ва захираҳои интернетиеро дар бар мегирад, ки дар диссертатсия аз онҳо истифода гардидааст.

Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиб баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Муаллиф масъалаҳои таснифи воситаҳои бадеии баёнро ба таври кофӣ муфассал тахлил кардааст. Дар баробари ин, агар диссертант ба ифодаи санъатҳои лафзӣ, алалхусус, ҳангоми тасниф намудани воситаҳои бадеӣ аз нуқтаи назари ороиши садо, маъно, сохт ва услуби онҳо таваҷҷуҳ мекард, метавонист ба ҳамин васила манзараи мукаммали таснифи воситаҳо ва усулҳои бадеиро баён кунад.
2. Дар диссертатсия ба вижагиҳои забонӣ ва услубӣ, ки хусусияти хоси воситаҳои тасвири бадеиро инъикос менамоянд, диққати асосӣ дода шудааст, аммо ба омили субъектӣ ва фарозабонӣ кам таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст.
3. Қувваи прагматикии матн ҳамчун яке аз ҷанбаҳои таъсири прагматикии забон ба интихоби махсуси падидаҳои забонӣ, истифодаи мисолҳои амалӣ аз дискурси расонаӣ, иҷтимоӣ ё давлатӣ асос ёфтааст. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки муаллифи рисола таҳқиқоти худро дар заминаи сарчашмаҳои гуногун ба роҳ мемонд, то прагматикаи хусусиятҳои миллии хоси воситаҳои тасвири бадеиро дар фаъолияти воқеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба пуррагӣ тавсиф карда тавонад.
4. Мисолҳои дорои хусусияти амалӣ се арзиши асосии матни бадеиро ифода мекунанд: ҷаҳони воқеият, мафҳумҳо ва маъно, аммо синестезия ҳамчун як навъи нишонаи услубӣ, ки маънои дарки ҷаҳон ва эҳсос ва биниши воқеиятро ошкор мекунад, дар диссертатсия тавсиф карда нашудааст.
5. Дар диссертатся камбудиҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикӣ ба чашм мерасанд (саҳ. 7, 16, 23, 65, 145, 278 ва ғ.).

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум, арзиши илми кори таҳқиқии мазкурро халалдор намесозанд, зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонидааст.

Хулоса, диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 32, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии дархостшаванда сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи лингвистикаи Филиали
Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе                    Сабирова Сановбар Ғаниевна

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Точикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи И. Соатов, хонаи 10, ҳ.1.
Тел.: (+992) 93-582-32-02
E-mail: ssanovbar@mail.ru

Имзои С.Ғ. Сабировaро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси
Филиали Донишгоҳи давлатии Москва
ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе                    Пирназар Сорбон Маҳмадназар

**Суроғаи муассиса:** 734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1
Тел: (+99237) 2219902
E-mail: info@msu.tj

12.05.2025